## ТАҚРИЗИ МУШОВИРИ ИЛМӢ

доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ ба диссертатсияи Сафарзода Эҳсон дар мавзуи «Масъалаҳои сиёсӣ дар публитсистикаи Садриддин Айнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ

Сафарзода Эҳсон соли 2012 факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси журналистикаи байналхалқӣ бо дипломи аъло хатм кардааст. Соли 2019 дар мавзуи «Масъалаҳои ҳувияти миллӣ дар публитсистикаи Садриддин Айнӣ» рисолаи номзадии худро ҳимоя намудааст.

Мавзуи диссертатсияи доктории Сафарзода Эҳсон бо қарори Шӯрои олимони факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 1-уми июни соли 2021, №10 тасдиқ шудааст.

Сафарзода Эҳсон дар давоми пажуҳиш худро ҳамчун муҳаққиқи дорои қобилияти хуби эҷодӣ ва тавоно нишон дода, дар омӯзиш ва таҳқиқи мавзуъ бо азму иродаи устувор машғул шуд, доир ба паҳлуҳои гуногуни мавзуи диссертатсия дар ҳамоишҳои илмии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалии дохил ва хориҷи кишвар маърӯзаҳо хонда, монография, мақолаи илмӣ ва илмиву оммавӣ ба нашр расонид. Таҳқиқи анҷомгирифта маҳсули заҳмати бевоситаи ӯ буда, дар шакли диссертатсияи комил ба поён расидааст.

**Пажуҳиши диссертатсионии Сафарзода Эҳсон** таҳқиқи яке аз мавзуъҳои мубрами публитсистикаи тоҷик – публитсистикаи сиёсии Садриддин Айниро фаро мегирад.

**Мавзуи диссертатсия нав буда**, дар илми рӯзноманигории тоҷик бори аввал дар шакли пажуҳиши диссертатсионӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Дар он заминаҳои таърихӣ ва иҷтимоии пайдоиш, ташаккул ва даврахои рушди публитсистикаи сиёсии тоҷик; махсусиятҳои публитсистикаи сиёсии тоҷик дар ибтидои асри ХХ, нақши матбуот дар ташаккули публитсистикаи сиёсии тоҷик, муайян намудани муносибати устод Айнӣ ба вокеияти замон тавассути осори публитсистию таърихӣ ва бадеӣ; нақши публитсистикаи сиёсии устод Айнӣ дар ташаккули афкори миллӣ, худшиносию худогоҳӣ ва бузургдошти арзишҳои миллӣ, афкори сиёсӣ ва иҷтимоии устод Айнӣ дар марҳалаҳои гуногуни эҷодӣ;

хусусиятҳои сохторию жанрӣ ва услубии публитсистикаи сиёсии устод Айнӣ мавриди омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ ҳамчун муҳаққиқи ҷӯянда бо дарку маърифати хуби илмӣ дар таҳқиқи мавзуъ муносибати ҷиддӣ намуда, ба сарчашмаҳои назариявию амалӣ шинос гардид ва доир ба мавзуъ маводи зиёдеро ҷамъ овард, омӯхт, тасниф кард ва дар заминаи он ба таълифи кори диссертатсонӣ машғул шуд. Мавсуф бо коркарди амиқу ҳаматарафаи маводи илмиву публитсистӣ дар шинохти публитсистикаи сиёсии устод Айнӣ вазифаҳои дар наздаш гузошташударо дар сатҳи баланд иҷро кард ва ба ин тариқ ба мақсади кори диссертатсионӣ – илман муайян намудани масъалаҳои сиёсӣ дар осори публитсистии Садриддин Айнӣ ноил гардид

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшуда, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва маърӯзаҳояш дар конференсияҳои сатҳи гуногун таъйид мекунанд.

Диссертатсия аз муқаддима, 5 боб, 13 фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва рӯйхати адабиёт ва манбаъ таркиб ёфтааст.

Дар муқаддима, чун анъана мубрамияти мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиш, робитаи таҳқиқ бо барнома ва мавзуъҳои илмӣ бо шарҳу тавзеҳҳои амиқ асоснок гардида, мақсаду вазифа, объекту предмет, асосҳои назариявию амалӣ, навгониҳои илмӣ муайян ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда таҳлилу баррасӣ шудааст.

Диссертатсия дорои сохтори илмӣ буда, таҳқиқи мавзуъ бо низоми муайян – зина ба зина сурат гирифтааст. Бобу фаслҳои диссертатсия аз нигоҳи интихоби паҳлуҳои гуногуни мавзуъ, муносибати усулӣ, тарзи баррасиҳо ва мантиқи таҳлилу хулосабарориҳо ба ҳам алоқаманд буда, дар маҷмуъ, тарҳи комили кори диссертатсиониро фароҳам овардааст.

Ба ин мазмун, дар боби якум омилҳои пайдоиш, ташаккул ва рушди публитсистикаи сиёсӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Дар боби дуюм мавқеи сиёсӣ ва воқеияти замон дар публитсистикаи сиёсӣ, иҷтимоӣ, таърихӣ ва асарҳои бадеии устод Айнӣ бо истифода аз методҳои таърихиву анъанавӣ таҳқиқ шудааст.

Мавзуи баҳси боби сеюм «Устод Айнӣ ва масъалаҳои миллат ва забону алифбо» унвон дорад, ки дар заминаи омӯзишу таҳлили мақолаҳои публитсистии С. Айнӣ мафҳуми «тоҷик», масъалаҳои забону алифбо, худшиносии миллӣ, сиёсат ва мамолики Шарқ дар он таҳқиқ шудааст. Дар

боби чаҳорум масоили сиёсии замон дар осори таърихӣ (дар мисоли «Таърихи инкилоби фикрӣ дар Бухоро», «Таърихи амирони манғитияи Бухоро», «Таърихи инкилоби Бухоро») баррасӣ гардидааст.

Дар боби панҷуми кори диссертатсионӣ тарзу сохтор, хусусиятҳои жанрӣ ва услубии публитсистикаи сиёсии устод Айнӣ, адабиёт, публитсистика ва сиёсат: тафовут, ҳамоҳангӣ, таносуби бадеият ва вокеият ва вижагиҳои шинохти муаллиф дар публитсистика бо усули муқоисавӣ ва таҳлилу баррасиҳои илмӣ муайян гардидааст.

Хулоса ва тавсияҳои дар диссертатсия зикрнамудаи докторант характери илмӣ ва амалӣ дошта, то андозае донишҳои назариявӣ ва амалиро дар самти илми публитсистика ва рӯзноманигории тоҷик такмил мебхашад. Натиҷаи таҳқиқ ва хулосаҳои пешниҳодшуда маълумот дар бораи донишҳои назариявиро дар фаҳмиши таҳкики публитсистикаи сиёсӣ афзуда, метавонад самтҳои нави пажуҳишро дар шинохти публитсистикаи муосир ба вуҷуд оварад. Таҳқиқи мазкур муносибат ва мавкеи муҳаккикро ба масоили уфукҳои нави публитсистикашиносӣ муайян менамояд.

Ҷанбаҳои таъсиррасонии публитсистикаи сиёсӣ барои мутахассисони соҳаи иртиботи оммавӣ, таҳлилгарони сиёсӣ, кормандони давлатӣ ва муассисаҳои тадкикоти стратегӣ манбаи муҳим ҷиҳати дарёфти маълумот мебошад. Дар асоси диссертатсия монография ва дастурҳои таълимӣ метавонанд ба табъ расанд. Ҳамчунин, диссертатсия барои дарсҳои таърихи журналистикаи тоҷик, курси махсуси публитсистика ва адабиёт, публитсистикаи сиёсӣ, назарияи публитсистика ва монанди инҳо метавонад мавод диҳад.

Хулосаҳои таҳкики Сафарзода Эҳсон ифодакунандаи мундариҷаи диссертатсия буда, бо маводди зиёди назариявию амалӣ ва далелу асноди асоснок карда шудааст. Автореферат ва матолиби доир ба мавзуи диссертатсия интишорнамудаи муаллиф **2 монография, 27 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 15** мақола дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқу басанда буда, мазмуну муҳтавои диссертатсияро инъикос менамоянд.

Муҳтавои диссертатсияи Сафарзода Эҳсон бо номи мавзуъ ва шиносномаи ихтисоси илмии **6.2.22. Рӯзноманигорӣ комилан мувофиқат менамояд**.

Бо дарназардошти сифатҳои хуби шахсии муаллиф ва омодагии самараноки ӯ ба корҳои илмиву таҳқиқии мустакил, таҳкики диссертатсионии Сафарзода Эҳсон дар мавзуи «Масъалаҳои сиёсӣ дар публитсистикаи Садриддин Айнӣ»-ро барои дарефти дараҷаи илмии

доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ кори илмии анҷомёфта ҳисоб мекунам. Диссертатсия ба талабот ҷавобгӯй буда, ҳамчун роҳбари илмӣ онро барои баррасӣ дар зинаҳои баъдӣ ва ҳимоя тавсия менамоям.


**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи назария ва адабиёти навини
форсии тоҷикии факултети филологияи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Имомзода М. С.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯч. К. Хуҷандӣ-45
Телефон: (+992) 935-80-64-44
E-mail: ramzes22_84@mail.ru

Имзои Имомзода М.С.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj


«20» апрели соли 2026.